«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи СадриддинАйнӣ,
профессор ____________ Ғаффорӣ Н.У.
аз «30» ноябр соли 2019

# ХУЛОСАИ

## кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулғанӣ Мирзоев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович ҳамчун аспиранти рӯзона, пас аз он ба сифати унвонҷӯй дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи ДДОТ ба номи С.Айнӣ фаъолият дорад.

Ахмедов Ф.Ҳ соли 2012 факултети таърихи ДДОТ ба номи С.Айниро бо ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намуд.

Имтиҳонҳои номзадӣ пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ супорида шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, профессор, мудири шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ Камолов Ҳамзахон Шарифович.

Аз муҳокимаи рисола дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз 27 ноябри соли 2019, протоколи №4 хулосаи зерин ҳосил гардид:

1. **Баҳо ба рисолаи унвонҷӯй**. Таҳқиқот ба инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои А. Мирзоев бахшида шудааст. Рисола муҳимтарин пажӯҳишҳои таърихи сиёсӣ ва ҳавзаҳои адабиро, ки дар осори академик А. Мирзоев инъикос ёфтаанд, дар бар мегирад.

Муаллиф мубрам будани рисоларо чунин асоснок месозад, ки бо вуҷуди ин ки А. Мирзоев дар омӯзиш ва баррасии ҳодисаҳои таърихии асрҳои миёнаи Мовароуннаҳру Хуросон осори муҳими илмӣ офаридааст, то кунун осори ба илми таърих бахшидаи А. Мирзоев мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст ва нақши олим дар илми таърихнигории тоҷик то ба ҳоло муайян нашудааст. Аз ин рӯ муҳаққиқ кӯшидааст мавқеъ ва ҷойгоҳи асарҳои таърихии ин олимро дар илми таърихнигории тоҷик муайян созад. Махсусан иқтибос аз мақолаҳои ҷудогона, ки дар онҳо паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти илмӣ ва роҳбарии олим дар меҳвари таҳқиқ қарор гирифтаанд, бисёр ба маврид оварда шудааст.

Ба ақидаи муаллиф академик А.Мирзоев дар илми ховаршиносии тоҷик дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ мактаби шарқшиносии шинохташудаеро ба вуҷуд овард, аммо осори дар заминаи таърихи халқи тоҷик навиштаи ӯ аз назари муҳаққиқон дур мондааст. Аз ин рӯ дастоварҳои ин олими шинохтаи тоҷикро дар илми таърихнигорӣ ҷанбаи асосии мавзӯъ қарор дода, андешаҳои таърихӣ ва саҳми донишмандро дар омӯзиши таърихи ватанӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Рисола бо услуби илмӣ навишта шуда, ҳамчун таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯй ба ҳисоб меравад. Дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок шудаанд.

2. **Иштироки шахсии унвонҷӯй дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст**. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯй ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, кокарди назариявию методологӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона баён ва иҷро шуда, дар он асос ва натиҷаи таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

3. **Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда**. Дар кори илмӣ вобаста ба вазифаҳои матраҳшаванда методҳои умумӣ ва махсуси бо меъёрҳои аёният

ҷавобгӯ ва вобаста ба муқаррар кардани шабоҳат ва тафовути масоили таҳқиқ аз методи татбиқӣ (муқоисавӣ), ҳамчунин аз методҳои илмӣ-таърихӣ истифода гардидаанд.

Ба сифати заминаи иттилоотӣ аз таҳқиқоти монографӣ, осори академик Абдулғанӣ Мирзоев, сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёти илмӣ, ҳамчунин аз маҷмӯаҳо ва ёддоштҳо оид ба фаъолияти Абдулғанӣ Мирзоев ва саҳми ӯ дар рушди илми таърихнигории ватанӣ истифода гардидаанд.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти илмӣ дар асоси таҳқиқоти масоили назариявӣ ва методологии илми таърихнигорӣ муайян намудани мавқеи осори илмии таърихии А. Мирзоев ва дар ин замина таҳия ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба саҳми академик А. Мирзоев дар рушди илми таърихнигории ватанӣ дар дурнамои таърихи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷиҳати ноилшавии муваффақона ба ин мақсад муаллифи рисола дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

Барои ноил шудан ба ма□сади гузошташуда, ҳалли вазифа□ои зерини тах□и□от□ дар назар дошта шудаанд:

- баёни мухтасари зиндагиномаи олим аз тариқи роҳи паймудаи ӯ ба илм;
- мушаххас кардани саҳми А.Мирзоев дар таъсиси Институти шарқшиносии АФ Тоҷикистон ва ташаккули илми шарқшиносии тоҷик;
- таҳлили раванди ташаккули дидгоҳҳои таърихии олим;
- тавзеҳи саҳми фаъолияти илмии А.Мирзоев дар рушди таърихнигории тоҷик;
- баррасии осори А.Мирзоев, ки ба таҳқиқи воқеаҳои таърихӣ бахшида шудаанд;
- нишон додани фаъолияти А.Мирзоев дар заминаи маъруфгардонӣ ва истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ.

Бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтори диссертатсия муайян гардидааст, ки имкон медиҳад, то мафҳум, мазмун ва дигар паҳлӯҳои мавзӯи интихобгардида мушаххас шаванд.

**Навигариҳои илмии таҳқиқот**. Навигариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ омӯхта шуда, хулосаҳое, ки инъикоскунандаи навигариҳои илмианд, дар шакли муайян баён шуда, натиҷаҳои асосии он чунин ифода ёфтаанд:

- муаллиф ба исбот расонидааст, ки академик А.Мирзоев он роҳи илмиеро паймуд, ки тавонист мактаби илмии худ ва шарқшиносии тоҷикро таъсис ва ташаккул диҳад;
- дар рисола ба таври маҷмӯӣ раванди ташаккули дидгоҳҳои таърихии академик А.Мирзоев, нақши ӯ дар таҳлил ва тавзеҳи масоили таърихӣ ва баррасии таърихи фарҳанги халқи тоҷик нишон дода шудааст;
- ба таври воқеӣ нақши мактаби илмии академик А. Мирзоев ва саҳми шахсии ӯ дар муаррифии манобеи таърихӣ дар рисола барҷаста баён гардида аст;
- исбот гардидааст, ки хулосаҳои илмии академик А.Мирзоев роҷеъ ба масоили таърихии асри миёна ва пасини халқи тоҷик ҳанӯз ҳам мавқеи сазовори хешро дар доираҳои илмӣ ҳифз мекунанд;
- барои омӯзиши минбаъдаи мероси илмии академик А.Мирзоев, ки метавонанд дар омӯзиши таърих ва муаррифии сарчашмаҳои таърихӣ хидмат кунанд, пешниҳодҳо карда шудааст.

**Моҳияти таҳқиқоти илмию назариявӣ**. Дар диссертатсия назари илмӣ ва аҳамияти амалии пажӯҳиш асоснок гардида, хулоса шудааст, ки бори нахуст дар асоси манобеъ, осори илмӣ ва маводҳои воқеӣ асарҳои дар илми таърих офаридаи академик А. Мирзоев таҳлил шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмию назариявии анҷомёфта метавонанд оянда дар баланд бардоштани тафаккури таърихии шаҳрвандон, тарбияи ватанпарастии

ҷавонони даврони соҳибистиқлол мусоидат намуда, дар чунин самтҳо истифода гарданд:

- пайравӣ кардан аз роҳи тайнамудаи академик А. Мирзоев;
- баррасиҳои таҳқиқоти илмии академик А. Мирзоев оид ба масоили
- таърихи асрҳои миёна ва давраҳои минбаъдаи халқи тоҷик;
- муайян кардани мавқеи таърихнигории академик А. Мирзоев дар шиносонидани манбаъҳои асримиёнагӣ ва пасини халқи тоҷик.

**Алоқамандии мавзӯи рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос**. Диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик А. Мирзоев» барои дарёфти дараҷаи илмии номазади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи намунавии КОА-и назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон оид ба навиштани диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

Пуррагии маълумоти рисолаи илмӣ дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Натиҷаҳои асосии корҳои таҳқиқотӣ дар диссертатсияи мазкур ҷамъбаст шудаанд. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ баён шуда, ҳамчунин дар мақолаҳои илмие, ки солҳои 2014-2019 навишта шуда, аз чоп баромаданд, инъикос ёфтаанд.

Ҳолатҳои асосҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар ҳафт мақолаи илмӣ, аз ҷумла шаш мақола дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, ба нашр расидаанд. Дар ин мақолаҳо андеша ва таҳлилҳои илмии муаллиф роҷеъ ба асарҳои ба илми таърих бахшидаи А.Мирзоев нишон дода шудаанд:

1. Ахмедов Ф.Ҳ. Омӯзиши чаҳор санади таърихӣ / Ахмедов Ф.Ҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ. -№ 3 (64). Душанбе, 2015. С. 212-214.

2. Ахмедов Ф.Ҳ. Инъикоси баъзе масоили таърихи давлати Сомониён дар осори академик Абдулғанӣ Мирзоев / Ахмедов Ф.Ҳ. // Муаррих. -№ 4 Душанбе, 2015. С. 54-59.

3. Ахмедов Ф.Ҳ. Проблемы политической истории государства Саманидов в трудах академика А. М.Мирзоева / Ахмедов Ф.Ҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ. -№ 4 (71). Душанбе, 2017. С. 214-218.

4. Ахмедов Ф.Ҳ. Шарқшиноси номдор ва таърихнигори нуктасанҷ / Ахмедов Ф.Ҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С.Айнӣ. -№ 1-2 (68-69). –Душанбе, 2017. С.159-161.

5. Ахмедов Ф.Ҳ. Бетарафии амирони Сомонӣ дар мубоҳисаҳои фикрӣ / Ахмедов Ф.Ҳ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -№ 3\2 Душанбе: Сино, 2017. С.51-53.

6. Ахмедов Ф.Ҳ. Академик Абдулғанӣ Мирзоев ва баъзе паҳлуҳои камомӯхташудаи замони ҳукмронии султон Ҳусейн мирзо (1469-1507) / Ахмедов Ф.Ҳ.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -№ 3\3 Душанбе: Сино. 2017. С. 46-48.

7. Ахмедов Ф.Ҳ. Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи истифода бурдани оби дарёи Ому/ Ахмедов Ф.Ҳ.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -№ 8\8 Душанбе: Сино. 2019. С. 126-129.

Ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қарор мекунад:

1.Диссертатсияи унвонҷӯй Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик А. Мирзоев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ичро гардида, ба талаботи нишондиҳандаҳои Низомномаи КОА оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯй Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик А. Мирзоев» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардид.

Дар ҷаласа 25 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«Тарафдор» - 25 нафар;

«Зид» -нест;

«Бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Протоколи №4 аз 27 ноябри соли 2019.

**мудири кафедраи таърихи**
**халқи томики ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номади илмҳои таърих, дотсент** **М.З.Фозилова**

Имзои М.З. Фозиловаро тасдиқ мекунам

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Д. Назаров